Тасдиқ шудааст
Бо қарори аъзоёни
Анҷумани ташкилоти ҷамъиятии
«Федератсияи санъати муҳорибаҳои
омехтаи ғайрикасбии Ҷумҳурии Тоҷикистон»
аз 30 декабри соли 2021
Суратмаҷлиси № 5

# Оинномаи

# Ташкилоти ҷамъиятии
# «Федератсияи санъати
# муҳорибаҳои омехтаи Тоҷикистон»

Душанбе 2022 с.

## 1. Мукаррароти умумӣ

1.1. Ташкилоти ҷамъиятии “Федератсияи санъати муҳорибаҳои омехтаи Тоҷикистон”, ки минбаъд “Федератсия” номида мешавад, дар асоси умумияти манфиатҳо барои амалинамоии мақсадҳои умумӣ ва иҷрои вазифаҳои дар Оинномаи мазкур пешбинӣ шуда, мутобиқи Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ”, “Дар бораи тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш” ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсис дода шудааст.

1.2. Федератсия аз лаҳзаи гузаштани қайди давлатӣ тибқи талаботи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон шахси ҳуқуқӣ ба ҳисоб меравад.

1.3. Фаъолияти Федератсия ба принсипҳои ихтиёрӣ, баробарҳуқуқӣ, худидоранамоӣ, қонуният, ошкорбаёнӣ, эҳтироми ҳуқуқ ва озодиҳои инсон ва шаҳрванд асос меёбад.

1.4. Федератсия метавонад аз номи худ ҳуқуқҳои молу мулкӣ ва шахсии ғайримолумулкиро ба даст оварда, татбиқ намояд, уҳдадорӣ гирад, дар суд, аз он ҷумла судҳои арбитражӣ ва ҳакамӣ даъвогар ва ҷавобгар бошад.
Федератсия молу мулки алоҳида ва тавозуни мустақил, суратҳисоб ва дигар ҳисобҳоро дар бонкҳо ва дигар муассисаҳои қарзӣ, инчунин муҳри даврашакл, штамп, рамз ва бланкаҳоро бо номи худ дорад.

1.5. Номи пурраи расмии ташкилот:

- бо забони тоҷикӣ: Ташкилоти ҷамъиятии «Федератсияи санъати муҳорибаҳои омехтаи Тоҷикистон»;
- бо забони русӣ: Общественная организация «Федерация смешанных боевых искусств Таджикистана»;
- бо забони англисӣ:Public organization «Mixed Martial Arts Federation of Tajikistan».

1.6. Номи ихтисоршудаи Ташкилот:

- бо забони тоҷикӣ: ТҶ «ТАҶММАФ».
- бо забони англисӣ: PO «TAJMMAF».
- бо забони русӣ: ОО «ТАДЖММАФ».

1.7. Талаботи Оинномаи мазкури Федератсия барои иҷро аз тарафи ҳамаи мақоми Федератсия ва аъзоёни онҳо ҳатмӣ мебошад.

1.8. Федератсия аз рӯи уҳдадориҳои аъзоёни худ ҷавобгар нест. Аъзоёни Федератсия аз рӯи уҳдадориҳои Федератсия ҷавобгар нестанд. Федератсия аз рӯи уҳдадориҳои давлат ва мақомоти он, давлат бошад аз рӯи уҳдадориҳои Федератсия ҷавобгар намебошанд.

1.9. Федератсия метавонад ба дигар иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ, ассотсиатсияҳо ворид шавад, сохторҳои худ ва фондҳоро таъсис диҳад.

1.10. Федератсия фаъолияти оинномавии худро дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон ба амал мебарорад.

1.11. Маҳалли ҷойгиршавии Федератсия: шаҳри Душанбе, кӯчаи Айни 24.

## 2. Мақсад ва вазифаҳои Федератсия

2.1. Муттаҳиднамоии аъзоёни Федератсия барои рушд ва оммавикунонии санъати муҳорибаи омехтаи ғайрикасбӣ, инчунин ташкили мусобиқаҳои варзишӣ ва чорабиниҳо оид ба муҳорибаҳои омехтаи ғайрикасбӣ дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон.

2.2. Тайёр намудани варзишгарони бамаҳорат – аъзоёни дастаҳои мунтахаби Тоҷикистон.

2.3. Пешниҳоди номгуи мутахассисоне ба мақоми ваколатдори давлатӣ, ки ба дастаи мунтахаби Тоҷикистон дохил мешаванд.
2.4. Таҳия ва татбиқи қоидаҳо, барномаҳои мақсаднок ва маҷмуии рушди муҳорибаҳои омехтаи ғайрикасбӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон.
2.5. Мусоидат дар омоданамоии варзишгароне, ки бо муҳорибаҳои омехта машғуланд ва дар мусобиқаҳои варзишӣ баромад менамоянд.
2.6. Тибқи тартиби муқарраргардида иштирок дар амалинамоии барномаҳо ва чорабиниҳо, таҳия ва татбиқи санадҳои меъёрии ҳуқуқии ба самти фаъолияти Федератсия вобастабуда, ки аз тарафи Федератсия, мақомоти давлатӣ, мақомоти худидоракунии маҳаллӣ, ташкилотҳои ҷамъиятӣ ва дигар ташкилотҳо омода карда мешаванд.
2.7. Тибқи тартиби муқаррарнамудаи қонун ташкил ва гузаронидани конфронсҳо, симпозиумҳо, конгрессҳо, семинарҳо, коллоквиумҳо, мизҳои мудаввар, намоишгоҳҳо, лексияҳо, чорабиниҳои фарҳангӣ-маърифатӣ ва дигар чорабиниҳои ба самти фаъолияти Федератсия вобастабуда.
2.8. Тибқи тартиби муқарраршуда амалӣ намудани фаъолияти нашриётӣ ва матбаавӣ, барориш ва паҳннамоии маҳсулоти аудио-кино-теле ва видеоӣ, маводҳои иттилоотӣ ва дигар маводҳо.
2.9. Мусоидат ба таъсис ва дастгирии захираҳои электронии иттилоотӣ дар шабакаи Интернетӣ, ки инъикоскунандаи фаъолияти Федератсия мебошанд.
2.10. Амалӣ намудани вазифаҳои дигаре, ки ба қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон мухолифат намекунанд ва ба мақсадҳои оинномавии Федератсия мутобиқат менамоянд.

## 3. Ҳуқуқҳои Федератсия

3.1. Барои расидан ба мақсадҳои оинномавӣ, Федератсия мутобиқи қонунгузории амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳуқуқ дорад:

- ба даст овардани ҳуқуқ ва ба зимма гирифтани ӯҳдадориҳо бо ташкилотҳои байналмилалии варзишӣ ворид гардад, агар чунин ҳуқуқ ва ӯҳдадориҳо ба қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон мухолифат накунанд;
- ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии аъзоёни худро дар мақомоти ҳокимияти давлатӣ намояндагӣ ва ҳифз намояд;
- барои иҷрои вазифаҳои оинномавӣ тибқи тартиби муқаррарнамудаи қонун фаъолияти соҳибкорӣ ва савдои хориҷиро амалӣ намояд;
- ҳаққи дохилшавӣ ва дигар ҳаққҳоро муқаррар намояд ва ситонад, аъзоёни Федератсияро барои кори фаъол ҳавасманд гардонад;
- мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон филиалҳо ва намояндагиҳо кушояд;
- биноҳо, иншоот, таҷҳизот, воситаҳои нақлиёт, асбобу анҷом ва дигар молу мулки манқул ва ғайриманқулро, ки барои таъмини моддии Федератсия зарур аст, таъсис диҳад, бадаст оварад, бегона намояд, пешниҳод намояд, ба истифода ва ё иҷора гирад;
- мутобиқати иншоотҳои варзиширо барои гузаронидани мусобиқаҳо оид ба санъати муҳорибаи омехтаи ғайрикасбӣ муайян намояд;
- кормандони штатии дастгоҳро, ки аз рӯи шартномаи меҳнатӣ кор мекунанд, нигоҳ дорад, шартномаҳои гражданӣ-ҳуқуқиро мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ба имзо расонад;
- аз дигар ҳуқуқҳое, ки ба қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон мухолифат намекунанд, истифода намояд.

## 4. Уҳдадориҳои Федератсия

4.1. Федератсия мутобиқи қонунгузории амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон уҳдадор аст:

- қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон, принсипҳои умумиэътирофшуда ва меъёри ҳуқуқи байналмилалӣ, ки ба самти фаъолияти худ вобаста аст, инчунин меъёрҳои пешбининамудаи Оинномаи мазкурро риоя намояд;
- ҳар сол маълумотро оид ба мақомоте, ки қарорро дар бораи қайди давлатии иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ қабул менамояд, дар бораи давом додани фаъолияти худ, бо нишон додани маҳалли ҷойгиршавии воқеӣ ва маълумот дар бораи роҳбари Федератсия дар ҳаҷми маълумоте, ки ба феҳристи ягонаи давлатии шахсони ҳуқуқӣ ворид карда мешаванд, хабар диҳад;
- бо дархости мақомоте, ки қарорро дар бораи қайди давлатии иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ қабул менамояд, маълумотро дар бораи қарори мақомоти идоракунанда ва шахсони мансабдори Федератсия, инчунин ҳисоботҳои солона ва чорякона дар бораи фаъолият дар ҳаҷми маълумоте, ки ба мақомоти андоз пешниҳод карда мешавад, пешниҳод намояд;
- ба намояндагони мақомоте, ки қарорро дар бораи қайди давлатии иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ қабул менамояд, дар шиносшавӣ бо фаъолияти Федератсия бо сабаби расидан ба мақсадҳои оинномавӣ ва риояи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон, мусоидат намояд;
- -ҳар сол то 1 апрел ба мақомоти бақайдгиранда (Вазорати адлия) дар хусуси кори гузаронидашуда, бо нишондоди суроғаи қонунии мақомоти роҳбарикунандаи ташкилот ҳисобот пешниҳод кунад;
- -ҳар сол дар сомонаи худ ё сомонаи мақомоти бақайдгиранда (Вазорати адлия) ҳисоботи молиявиро, ки дар он маълумоти муфассал оид ба даромад ва хароҷот дарҷ шудааст, ҷой диҳад.
- -баъди гирифтани кумакҳои молию пулӣ аз хориҷа, дар мухлати 10 рӯз маълумот барои ворид намудани он ба феҳристи кумаки башардӯстона ба мақомоти бақайдгиранда (Вазорати адлия) пешниҳод намояд.

## 5. Аъзоёни федератсия, ҳуқуқ ва уҳдадориҳои онҳо

5.1. Ба аъзогии Федератсия метавонанд шахсони ҳуқуқӣ ва воқеӣ қабул карда шаванд, ба шарте, ки онҳо:

- мақсадҳо, вазифаҳо ва принсипҳои фаъолияти Федератсияро бо ҳам бинанд;
- Оинномаи Федератсияро эътироф намоянд;
- қобилияти пардохти ҳаққи дохилшавӣ ва ҳар сол пардохт намудани аъзо ҳаққиро доранд;
- барои мусоидат намудан ба кори Федератсия омода ҳастанд.

5.2. Мувофиқи талаботи қонунгузорӣ муассисони Федератсия баробари ба даст овардани ҳуқуқ ва уҳдадориҳои дахлдор, ба таври автоматӣ аъзоёни он ба ҳисоб мераванд.

5.3. Қабули аъзоёни нав бо тартиби зерин амалӣ карда мешаванд: шахсоне (ҳуқуқӣ ва воқеӣ), ки нияти шомил шудан ба ҳайати аъзоёни Федератсияро изҳор намуда, ба Федератсия ҳуҷҷатҳои зеринро мефиристонанд:

Барои шахсони воқеӣ:

- аризаи шакли муқарраршуда дар бораи қабул ба аъзогии Федератсия ба номи раиси Федератсия;

8.5. Роҳбари воҳидҳои алоҳида аз тарафи раиси Федератсия ба вазифа таъин ва аз вазифа озод карда мешаванд, ки онҳо дар асоси Низомнома ва Ваколатномаи аз ҷониби раиси Федератсия додашуда амал мекунанд.

8.6. Ваколати роҳбари воҳиди алоҳида:

- дар доираи Ваколатномаи аз номи Федератсия додашуда амал менамояд;
- бо кормандони воҳидҳои алоҳида шартномаҳои меҳнатӣ ва гражданӣ-ҳуқуқиро мебандад ва қатъ менамояд;
- роҳбарии оперативии фаъолияти воҳидҳои алоҳидаро амалӣ менамояд;
- манфиати Федератсияро дар назди мақомоти давлатӣ ва ташкилотҳои тиҷоратӣ ва ҷамъиятӣ дар доираи ваколаташ намояндагӣ менамояд;
- молу мулки воҳидҳои алоҳидаро истифода менамояд. Молу мулки воҳидҳои алоҳидаи Федератсия, ки ба он додааст, моликияти Федератсия ба ҳисоб меравад. Воҳидҳои алоҳида ҳуқуқ надорад молу мулки ба он дода шуда ё аз ҳисоби воситаҳои пулӣ ба даст оварда шуда, аз рӯи смета ба он ҷудо шударо бегона намояд ё бо ягон тарз ихтиёрдорӣ намояд, аз он ҷумла мустақилона ба иҷора диҳад, ба гарав гузорад, ба истифодаи муваққатӣ диҳад;
- дар доираи ваколатҳои худ супоришҳо ва фармонҳоро, ки барои иҷро аз тарафи ҳамаи кормандони воҳидҳои алоида ҳатмӣ мебошад, барорад.
- корро оид ба қабули аризаҳо аз шахсоне, ки хоҳиши шомил шудан ба Федератсия доранд, ташкил менамояд;
- амалҳои дигареро, ки барои расидан ба мақсадҳо ва иҷрои вазифаҳои пешбинишуда заруранд, содир намояд.

8.7. Федератсия филиалу намояндагиҳои худро вобаста ба имконият метавонад дар чунин шаҳру ноҳияҳо ва вилоятҳо таъсис диҳад: вилояти Суғд, шаҳри Хуҷанд, вилояти Хатлон, шаҳри Бохтар, ВМКБ, шаҳри Хоруғ, шаҳри Душанбе ва шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ Турсунзода, Ҳисор ва Ваҳдат.

## 9. Молу мулки Федератсия. Сарчашмаи ташаккулёбии молу мулки Федератсия

9.1. Федератсия мутобиқи қонунгузории амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон метавонад қитъаҳои замин, биноҳо, иншоотҳо, фонди манзил, наклиёт, таҷҳизот, асбобу анҷом, молу мулки дорои таъиноти маданӣ-маърифатӣ ва тандурустӣ, воситаҳои пулӣ, саҳмияҳо, қоғазҳои қиматнок ва дигар молу мулке, ки барои таъмини моддии фаъолияти Федератсия, ки Оиннома пешбинӣ намудааст, дар соҳибмулкии худ дошта бошад. Дар соҳибмулкии Федератсия инчунин, метавонанд муассисаҳо, нашриёт, васоити ахбори омма, ки аз ҳисоби воситаҳои Федератсия мутобиқи мақсадҳои оинномавӣ таъсис ва ба даст оварда шудаанд, мавҷуд бошанд.

9.2. Сарчашмаҳои ташаккулёбии молу мулки Федератсия зеринанд:

- аъзоҳақӣ ва ҳаққи воридшавӣ;
- ҳиссаҳои ихтиёрӣ ва хайрия;
- даромад аз лексияҳо, намоишгоҳҳо, чорабиниҳои варзишӣ ва дигар чорабиниҳои мутобиқи Оиннома гузаронидашаванда;
- даромадҳо аз амалинамоии фаъолияти даромадноки Федератсия;
- даромадҳо аз аҳдҳои гражданӣ-ҳуқуқӣ;
- даромад аз фаъолияти савдои хориҷӣ;
- даромадҳои дигари бо қонун манънашуда.

## 7. Раиси Федератсия

7.1. Раиси Федератсия ба фаъолияти ҷории Федератсия роҳбарӣ менамояд ва тамоми масъалаҳое мутобиқи фаъолияти у вобаста аст ҳал менамояд. Раиси Федератсия аз тарафи Анҷумани аъзоён ба мухлати 5 (панҷ) сол интихоб карда мешавад. Раиси Федератсия ба Анҷумани аъзоён ва Кумитаи иҷроиявии Федератсия ҳисоботдиҳанда мебошад.

7.2. Раис барои ҳалнамудани вазифаҳои зерин салоҳият дорад:

- аз номи Федератсия бе ваколат амал менамояд;
- ба гузаронидани маҷлисҳои навбатӣ ва ғайринавбатии Анҷумани аъзоён омодагӣ мебинад;
- тамоми аъзоёнро дар бораи даъвати маҷлиси Анҷумани аъзоён хабардор менамояд;
- Федератсияро дар дохил ва хориҷи кишвар муаррифӣ менамояд;
- аз номи Федератсия шартномаҳо, созишномаҳо ва дигар аҳдҳоро дар доираи салоҳияти худ ба имзо мерасонад;
- ба кор қабулнамоӣ ва аз кор озод намудани кормандони Федератсияро мутобиқи қонунгузории меҳнатии Ҷумҳурии Тоҷикистон амалӣ менамояд;
- дигар шартномаҳоро мутобиқи қонунгузории граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон ба имзо мерасонад;
- дастурамалҳо ва қоидаҳоро тасдиқ менамояд, ваколатнома медиҳад;
- низмономаҳоро дар бораи намояндагиҳо ва филиалҳо тасдиқ менамояд, роҳбарони намояндагиҳо ва филиалҳои дахлдорро таъин ва озод менамояд;
- номзадии ноиби раиси Федератсияро ба Кумитаи иҷроиявии Федератсия пешниҳод менамояд;
- қабули аъзоҳаққиро ташкил менамояд, сари вақт вориднамоии онҳоро назорат менамояд, барои Кумитаи иҷроиявӣ рӯйхати аъзоёни Федератсияро, ки аъзоҳақиро напардохтаанд, омода менамояд;
- корро бо воситаҳои ахбори омма ба роҳ мемонад;
- дар доираи салоҳияти худ масъулиятро барои истифодаи воситаҳо ва амволи Федератсия мутобиқи мақсадҳои оинномавии он, ба зимма мегирад;
- ва дигар масъалаҳои Федератсияро баррасӣ менамояд.

## 8. Филиалҳо ва намояндагиҳои Федератсия

8.1. Намояндагӣ ва филиалҳо (минбаъд – воҳидҳои алоҳида) воҳиди алоҳидаи Федератсия ба ҳисоб рафта, фаъолияти худро дар ҳудуди Тоҷикистон аз номи Федератсия амалӣ менамояд.

8.2. Воҳидҳои алоҳидаи шахси ҳуқуқӣ ба ҳисоб намераванд ва фаъолиятро дар асоси қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон, Оинномаи Федератсия, Низомномаи тасдиқнамудаи Раиси Федератсия амалӣ менамоянд.

8.3. Воҳидҳои алоҳидаи дорои суратҳисоб дар бонк, муҳр, бланкаҳо ва штампҳо бо номи хусусии худ ва номи Федератсия мебошад.

8.4. Воҳидҳои алоҳидаи вазифаҳои зеринро амалӣ менамоянд:

- манфиати Федератсияро дар минтақаи дахлдор намояндагӣ ва ҳифз менамоянд;
- корҳои ташвиқотиро оид ба ҷалби аъзоёни нав ба Федератсия мегузаронанд;
- дар ташкили конфронсҳо ва дигар чорабиниҳои аз тарафи Федератсия гузаронидашаванда иштирок менамоянд;

**10. Азнавташкилдиҳӣ ва барҳамдиҳии Федератсия**

10.1. Азнавташкилдиҳии Федератсия бо қарори Анҷумани аъзоён бо назардошти қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ” ва “Дар бораи тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш” амалӣ карда мешавад.
10.2. Моликияти Федератсия пас аз азнавташкилдиҳӣ ба шахсони ҳуқуқии нав ташкилёфта тибқи тартиби пешбининамудаи Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон мегузарад.
10.3. Барҳамдиҳии Федератсия бо қарори Анҷумани аъзоён ва ё бо қарори суд амалӣ карда мешавад.
10.4. Моликияте, ки дар натиҷаи барҳамдиҳии Федератсия боқӣ мемонад, пас аз қонеъ гардонидани талаботи карздорон ба мақсадҳое таъсисёбандаи Федератсия равона карда мешаванд, ё мақсадҳое, ки бо қарори Анҷумани аъзоён дар бораи барҳамдиҳии Федератсия, дар ҳолатҳои баҳсӣ бо қарори суд муайян шудаанд. Қарор дар бораи истифодаи моликияти боқимонда аз тарафи комиссияи барҳамдиҳӣ дар нашриёт чоп карда мешавад.
10.5. Моликияти пас аз барҳамдиҳии Федератсия боқимонда, наметавонад байни аъзоёни Федератсия тақсим карда шавад.
10.6. Маълумот ва ҳуҷҷатҳое, ки барои қайди давлатии Федератсия бо сабаби барҳамдиҳии он зарурanд, ба мақоме, ки қарорро дар бораи қайди давлатӣ ҳангоми таъсиси он қабул намудааст, пешниҳод карда мешавад.